«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор __________ Хушвахтзода Қ.Х.
«___» ________________ с. 2021

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи: «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар давраи омода гардидани диссертатсия (солҳои 2013-2017) Қаландаров Кароматулло Қаландарович унвонҷӯи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Қаландаров Кароматулло Қаландарович соли 2011 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «сиёсатшиносӣ» хатм намудааст. Айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Ба Қаландаров Кароматулло Қаландарович шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 12 майи соли 2021, №69 дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Муҳабатов Абдусалом – номзади илмҳои фалсафа, профессори кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар ҷаласаи васеи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Иштирокчиёни

ҷаласа диссертатсияи мазкурро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро пешниҳод намуданд:

Диссертатсияи Қаландаров К.Қ. ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он тағйирёбии системаи сиёсии ҷомеа дар шароити ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ таҳлилу баррасӣ гардида, паҳлуҳои гуногуни ин масъала омӯхта шудаанд. Омӯзиши масъалаҳои гуногуни системаи сиёсии ҷомеа яке аз масъалаҳои сиёсе мебошад, ки дар байни муҳаққиқон ва олимони соҳаи сиёсат мавриди таваҷҷуҳи хос қарор гирифтааст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ ва омӯзиши воқеияти таърихӣ нишон медиҳад, ки системаи сиёсӣ дар шакл ва навъҳои гуногун дар марҳилаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ арзи ҳастӣ намудааст. Мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани омӯзиши системаи сиёсӣ ба марҳилаҳои муосири рушди инсонӣ тааллуқ дорад. Зеро дар замонҳои гузашта диққати асосӣ маҳз ба давлат ҳамчун воҳиди муайянкунандаи сиёсӣ равона карда мешуд. Дар ташаккул ва рушди системаи сиёсии ҷомеа нақши омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва маънавию ахлоқӣ бениҳоят назаррас аст, ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои гуногун ҷанбаҳои таърихӣ, психологӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ ва инчунин сиёсии он то андозаи муайян мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷиҳатҳои зикршудаи системаи сиёсӣ имрӯз ҳам предмети асосии баҳсу мунозираҳои доираҳои гуногуни илмию тадқиқотӣ қарор дорад. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз таҳлили нисбатан амиқи адабиёти мавҷуда дар ин мавзӯъ нуктаеро пайгирӣ кардан мумкин аст, ки назари ягона дар нисбати моҳияту мазмун ва хусусиятҳову навъҳои системаи сиёсӣ дар байни олимон вуҷуд надорад. Таҳқиқи масъалаи системаи сиёсии ҷомеа дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон амри муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, масъалаҳои марбут ба системаи сиёсӣ бо тамоми ҷузъиёташ дар доираи илмҳои сиёсии ватанӣ то ба ҳол ба таври комил таҳқиқ нагардидааст. Агарчанде баъзе аз олимони ватанӣ дар бораи падидаи мазкур китобҳо ҳам таълиф намуда бошанд, вале ҳанӯз ҳам масъалаҳое вуҷуд доранд,

ки бояд пайваста аз онҳо думболагирӣ кард, то хусусиятҳои нави системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози илмӣ нишон дода шаванд.

Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи инсонӣ хусусиятҳои демократии системаи сиёсии ҷомеаро тақозо менамояд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама ба шароити демократикунонии ҷомеа ва давлатҳои имрӯза алоқаманд мебошад. Илова бар ин, баланд шудани нақши системаи сиёсии демократӣ дар тамоми олам сабабҳои мушаххаси худро дорост. Дар воқеияти пасошӯравӣ, ки ҳамчун марҳилаи нави рушди ҷаҳон баромад мекунад, тағйироти сифатӣ ҳам дар дохили давлатҳо ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ба мушоҳида мерасад. Хусусан ин таҳаввулот ба системаҳои сиёсии кишварҳои муосир ва унсурҳои таркибии онҳо мансуб мебошад. Бо назардошти воқеияти инкишофи системаҳои сиёсии давлатҳои имрӯза мо метавонем ба хулосае омада бошем, ки умуман системаи сиёсии олам ва низоми ҷаҳонӣ тадриҷан дигаргун мешавад. Бинобар ин, барои дарки инкишофи муттасил, муайяннамоии хусусият ва сатҳи аҳамиятнокии тағйироти глобалӣ зарур аст, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба заминаҳои тағйироти системаи сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ равона гардад. Илова бар ин, воқеияти рушди системаи сиёсии ҷомеа бояд бо назардошти гузашта ва ояндаи он мавриди баррасӣ қарор бигирад. Хусусан ин масъала барои Тоҷикистони соҳибистиқлол басо муҳим ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, коркарди консепсияи муайяни рушди системаи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳимтарин масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб мераванд, ки ҳам аҳамияти назариявӣ ва амалиро соҳиб аст.

Дар диссертатсияи мазкур як қатор масъалаҳо бори аввал таҳлилу таҳқиқ гардидаанд, ки онҳо навгонии илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Чунончӣ, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ таҳлили ҳамаҷонибаи худро бо назардошти ҷиҳатҳои пешин ва воқеияти муосири ҳаёти сиёсӣ ёфтаанд; мақом ва нақши системаи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо ҳаёти сиёсӣ нишон дода шуда, ҳамзамон падидаи мазкур ҳамчун омили меҳварӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа муайян гардидааст; хусусиятҳои асосии тағйирпазирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давраи гузариши кишвар ошкор гардида,

ҷиҳатҳои нави ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсӣ зимни назардошти воқеияти ҷамъиятӣ дарҷ ёфтаанд; асосҳои сиёсию ҳуқуқии амалишавии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои демократиаш нишон дода шудаанд; масъалаҳо ва мушкилоти пешрафти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон муайян гардида, ҳамзамон дурнамои рушди он дар шароити имрӯзаи кишвар ба таври лозимӣ мушаххас гардонида шудааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот дар омӯзиши минбаъдаи масъалаи симстемаи сиёсии ҷомеа метавонанд истифода гарданд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар омӯзиши шаклгирии ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва рушди системаи сиёсии он басо муҳим ба назар мерасад. Пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва инчунин институтҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд. Илова бар ин, маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, сиёсатшиносии амалӣ, сиёсатшиносии муқоисавӣ ва курси махсуси системаи сиёсии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D050200 – Сиёсатшиносӣ, 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мутоиқат менамояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда, натиҷаҳои пажӯҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқarrаргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

Саҳми шахсии унвонҷӯйи дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот,

гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ оид ба ҳалли масъалаҳои гендерӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқшуда 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп намудааст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:**

1. Қаландаров К. Баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун заминаи рушди системаи сиёсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №4. – С.319-326.
2. Қаландаров К. Асосҳои назариявии омӯзиши системаи сиёсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №8. – С.283-288.
3. Муҳабатов А., Қаландаров К. Накши назариёти муосири илмӣ дар таҳлили системаи сиёсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – №2/8. – С.282-287.
4. Қаландаров К. Раванди демократикунонӣ ва накши он дар таҳкими системаи сиёсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми 2. – 2017. – №2/4. – С.309-313.

Дар маҷмӯъ, Қаландаров Кароматулло Қаландарович аз ӯҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи ӯ кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар илмҳои сиёсии ватанӣ иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои таъмини таҳкими ниҳодҳои сиёсии ҷомеа ва рушди системаи сиёсии кишвар аҳамиятнок мебошад.

Дар маҷмӯъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия бо ихтисоси

23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи: «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ барои ҳимоя тавсия мегардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 19 майи соли 2021 қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 10 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – нест, бетараф – нест. Суратҷаласаи №12 аз 19 майи соли 2021.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи равандҳои
сиёсӣ дар Тоҷикистон, Шаъбонов Норалӣ
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент /____________/ Нормирзоевич

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими
калони кафедраи равандҳои Абилов Собирҷон
сиёсӣ дар Тоҷикистон /________________/ Абдураҳимович

Имзои дотсент Шаъбонов Н.Н. ва муаллими калон Абилов С.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ.
Тавқиев Эмомалӣ ____________________

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17.